ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Эҳсон Хуршед Рӯзибой дар мавзуи “Ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ. – Душанбе, 2026. – 204 с.

Таҳқиқи ҷанбаҳои ҳунариву мавзуии ашъори Мирзо Абдулқодири Бедил дар адабпажуҳии тоҷик ба номи устод Садриддин Айнӣ пайванд гирифта, дар қарни XX аз сӯи донишмандони соҳибназаре чун академик Бобоҷон Ғафуров, Холиқ Мирзозода, Шавкат Шукуров, Расул Ҳодизода, Субҳон Амирқулов, Бобобек Раҳимӣ ва дигарон идома ёфтааст. Дар асл агар шарҳҳои Аҳмади Дониш, Зуфархон Ҷавҳарӣ ва дар умум маҳофили бедилхонии нимаи дувуми асри XIX дар шаҳрҳои қадимаи Варорудро ба унвони корномаҳои қобили таваҷҷуҳ дар маърифати шеъру андешаи шоир ба назар бигирем, он гоҳ пешинаи таърхии бедилшиносии тоҷикро метавон бештар аз садсолаҳо ба шумор овард.

Бо ин ҳама таваҷҷуҳи амиқ дар шинохти шеъру андешаи Мирзо Абдулқодири Бедил дар дарозои ин замон, даврони Истиқлоли миллии Тоҷикистонро метавон марҳилаи ҷадиди таҳқиқи эҷодиёти ин суханвари соҳибсабк унвон намуд. Дар навбати аввал, асосан ба чоп расидани мероси адабии шоир яке аз муҳимтарин авомили таъсиргузор барои ҷалби таваҷҷуҳи бештар бар таҳқиқу маърифати андеша ва афкори Бедил гардид. Зуҳури пажуҳишҳое дар заминаи адабиётшиносӣ, фалсафа, омӯзишу парвариш, забоншиносӣ дар заминаи ашъори Абулмаъонӣ густариши таҳқиқи шеъру андешаи суханварро собит мекунанд.

Раванди таҳаввули бедилшиносӣ дар марҳилаи навини таърихӣ маҳдуд ба Тоҷикистон нест, чун дар кишварҳои ҳамзабони Эрону Афғонистон ва ҳатто Русияву Қораи Аврупо низ тайи даҳсолаҳои охир корҳои муайяне ба сомон расидаанд. Бо ин ҳама тавсеаи мактаби бедилшиносии ватаниву хориҷӣ бо такя бар нуфузи фаровони мероси адабии шоир ҳанӯз масоили зиёде ҷой доранд, ки аз таҳқиқу баррасӣ дар доираи пажуҳишҳои муайян, аз ҷумла диссертатсияҳои илмӣ берун мондаанд. Аз ҷумлаи ин масоил ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил ба шумор меравад, ки ҳарчанд нукоти алоҳидае бар пояи таҳқиқи ҷанбаҳои поэтикӣ ва сабкии сурудаҳои шоир дар пажуҳишоти Шафеии Кадканӣ,

Маҳмуди Футуҳӣ, Нуралӣ Нурзод, Шарора Илҳомӣ ва дигарон баён шудаанд, вале то кунун дар ҳукми як унсури муҳими ҳунарӣ ва сабкии навъи ғазалиёти шоир ба таври ҷудогона ба риштаи таҳқиқ кашида нашуда буд.

Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсияи Эҳсон Хуршед Рӯзибой ба баррасии ороияҳои ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил бахшида шудааст. Қабл аз вуруд ба мабоҳиси аслӣ муаллиф ба баррасии пешинаи пажуҳиши ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ пардохта, бар мабнои шеваи таҳқиқ заминаҳои зуҳури чунин аносири ҳунарии шеърро дар таърихи адабиёти тоҷик аз оғоз то ба рӯзгори Бедил ва ҳатто то ба замони муосир мавриди омӯзиш қарор додааст. Баррасии ин ороияҳои адабӣ дар каломи Бедил низ дар пайванд ба вежагиҳои корбурдии онҳо дар қаламрави адабиёти форсию тоҷикӣ ва махсусиятҳояшон дар шеъри Абулмаъонӣ, инчунин сохтору муҳтавои онҳо чун аносири муҳими сабксоз дар навъи суннати ғазал сурат гирифтааст. Аз ин рӯ, диссертатсия бо риояи талаботи таълифи рисолаҳои илмӣ иншо гардида, ба банди 7-уми бахши “Соҳаҳо таҳқиқот”-и шиносномаи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мутобиқат мекунад.

Мубрамии мавзуъ ва муҳиммияти таҳқиқи анҷомдодаи Эҳсон Хуршед Рӯзибой дар ҳамин нукта муҷассам мегардад, ки бори аввал дар ин пажуҳиш масъалаҳои ороияҳои ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ҳукми масъалаи меҳварии пажуҳиш қарор гирифта, ҳамчун як унсури ҳунарсоз ва таъсиргузор ба ташаккули ҷанбаҳои поэтикӣ ва сабкӣ доираи баррасиҳои як пажуҳиши мустақилро ба вуҷуд овардааст. Дигар аз муҳиммияти таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки диссертант ҷанбаҳои назарии пажуҳиши масъаларо ҷудогона ба таҳқиқ кашида, пешинаи баррасиҳои анҷомёфтаро дар заминаи мероси адабиёти классикии то замони Бедил ва баъд аз он шарҳу тафсир кардааст. Бар мабнои ҳамин ҷусторҳо аст, ки таъсири шоир дар таҳаввули нақши ҳунарсоз ва сабкофари ин санъатҳои бадеӣ дар шеъри муосири кишварҳои форсизабон равшан мегардад.

Шинохти мазомини луғавӣ ва истилоҳӣ, заминаҳои зуҳури мафоҳими ифодакунандаи ороияҳои ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар осори назарии адабиёти классикӣ ва дидгоҳҳои муҳаққиқони муосир, фарқияти тазод аз танокуз, пажуҳиши ороияҳоии мазкур дар адабиёти пешин ва адабиётшиносии муосири ватани ва хориҷӣ дар шумори мабоҳисе қарор

гирифтаанд, ки дар ин таҳқиқ нақши меҳварӣ низ доранд. Ҳарчанд дар мавриди заминаҳои зуҳури мутаноқизнамоӣ мабоҳисе дар таҳқиқоти то имрӯз анҷомёфта ба мушоҳида мерасад, аммо онҳо сурати иҷмолӣ ва мухтасар доранд. Аз ин нигоҳ, анҷоми баҳси муфассали назарӣ андар шинохти моҳияти ҳар ду ororяи адабӣ низ аз мубрамият ва муҳиммияти пажуҳиш бармеояд.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд. Дар диссертатсия нахустин маротиба ба сурати мустақил нақши таъсиргузори санъатҳои бадеии ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар таҳаввули ҷанбаҳои ҳунарӣ, сабкӣ ва маъноии ғазалиёти Бедил ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Қабл аз вуруд ба баҳсҳои меҳварӣ дар доираи як боби алоҳида вежагиҳои корбурди ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар адабиёти классикии тоҷик мавриди баррасӣ қарор гирифта, пешинаи пажуҳиши ин ду унсури муҳими сабксозӣ дар паҳнои адаби форсӣ, шинохти маъонии луғавӣ ва истилоҳии он ба сурати густарда таҳқиқ шудааст, ки маҷмуан ин мабоҳис низ аз тозагиҳои муайяне бархурдоранд. Баррасии вежагиҳои корбурди ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ, сохтору мазмунҳои меҳварӣ ва табақабандии анвои онҳо, инчунин таҳқиқи онҳо ҳамчун ҷузъи муҳими сабксоз низ дар таъйини дараҷаи муайяни навгониҳо ва нуктаҳои меҳварии ба ҳимоя тавсияшаванда нақши муҳим гузоштаанд. Ҷараёни баррасиҳои амиқ ва густардаи муаллифи диссертатсия муқаррар намудааст, ки ҳарчанд дар каломи суханварони то замони Бедил намунаҳои нисбатан сода ва камтари ҳиссомезӣ ва мутақизнамоӣ ба мушоҳида мерасанд, вале дар сурудаҳои Абулмаъонӣ дар баробари расидан ба авҷи нуфузи истифода аз тозагиҳои сохториву маъноӣ бархурдор гардидаанд.

Эҳсон Хуршед барои анҷом додани кори таҳқиқиаш дар назди худ мақсаду вазифаҳои мушаххас гузошта, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро дар 4 банд манзур намудааст. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодгардида муҳтавои фаслу бобҳоро инъикос карда, дар самти шинохту таҳқиқи ҷанбаҳои поэтикӣ ва сабкшиносии ғазалҳои Мирзо Абдулқодир Бедил дар заминаи корбурди санъатҳои гуногуни бадеӣ, бавежа, ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ аҳаммияти махсуси илмӣ доранд.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта. Диссертант зимни таълифи диссертатсия консепсияҳои илмӣ ва

назариёти арзишманди пажуҳиггарони ватаниву хориҷиро бар мабнои мутобиқати онҳо ба меъёрҳои нигориши таълифоти илмӣ ба кор гирифтааст. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ дар шакли мустанаду мудаллал, аниқу дақиқии маълумот, мутобиқати ҳаҷми куллии маводи диссертатсия бо коркарди натиҷаҳо, шумора ва ҳаҷми умумии интишорот ва интихоби дурусту қобили таваҷҷуҳи методологияи таҳқиқ муқаррару мушаххас гардидааст.

Хулоса ва тавсияҳои диссертатсия ҳосили ҷустору таҳлилҳои густарда ва мавриди таҳлилу баррасӣ ва санҷиши амиқ қарор гирифтани ҳадаф ва вазифаҳои назарӣ, нуктаҳои илмии ба дифоъ пешниҳодшуда маҳсуб гардида, бар мабнои онҳо дурнамои таҳқиқи муҳимтарин муаммо ва масъалаҳои шинохту маърифати ороятҳои адабии ҳиссомезӣ ва мунақизнамоӣ дар адабиёти форсу тоҷик, бахусус ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил муайян гардидааст.

Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 9 фасл, 6 зерфасл, хулоса ва тавсияҳои амалӣ, рӯйхати адабиёт ва номгӯи таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия таркиб ёфта, ҳаҷми умумии он 204 саҳифаро ба вуҷуд овардааст. Дар фаслу бобҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқӣ, истинод бар маъхазҳо, муҳокимаю бардоштҳо ва хулосаҳои ҷолиб ба назар мерасанд.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия муҳимият ва мубрамият, пешинаи таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳо, сарчашмаҳо муқаррар гардида, нуктаҳои илмии барои дифоъ пешниҳодшаванда, асосҳои методологии таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назарӣ ва амалӣ, дараҷаи эътимоднокӣ ва саҳми шахсии муаллиф дар анҷоми чунин пажуҳиши арзишманд шарҳу баён ёфтаанд.

Боби аввали диссертатсия **“Асосҳои назарии ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ”** ном дошта, меҳварҳои асосии мавриди баррасӣ дар чор фасл таҳқиқ шудаанд. Муҳаққиқ дар навбати аввал ба масъалаи пешинаи омӯзиши ҳар ду ороияи адабӣ дар адаби форсии тоҷикӣ руҷуъ намуда, сабаб ва омили аслии ин руҷҳони хешро дар мавзуи куллии таҳқиқ будани он муқаррар сохтааст. Зимнан, ҷараёни баррасиҳои ӯ, ки бар мабнои дидгоҳҳои назарияпардозони пешин ва муҳаққиқони муосир сурат гирифааст, ин нуктаро мусаллам гардонидааст, ки ҳарчанд “Ғуломалии Озоди Балгиромӣ дар рисолаи “Ғизолон-ул-Ҳинд” ва китоби “Субҳат-ул-марҷон” гузораи шеъриро бо таҳлилҳои мантиқӣ ковида ва кӯшида то роҳҳои хуруҷи шоир аз

воқеият ва ҳанҷорҳои мантиқии забонро шиносоӣ ва қавоиди зарифе барои он тадвин намояд” [дисс., с. 18], аммо то замони муосир мафҳум ва истилоҳи хосе аз ин ороияи адабӣ набудааст, ҳарчанд шуруъ аз шеъри сабки хуросонӣ намунаҳое аз ин саънати бадеӣ дучор меоянд. Бештар ороияҳои адабии мазкур дар доираи дигар санъатҳои бадеӣ шинохта шудаанд ва сабаби аслии ин шеваи шинохтро муҳаққиқ дар камрангии корбурди он дар сурудаҳои пешиниён, яъне суханварони то замони Бедил ба шумор овардааст. Бар ин асос, бо руҷуъ бар дидгоҳҳои донишмандони муосир, бавежа Шафеии Кадканӣ ва Маҳмуди Футуҳӣ омили тарҷума ва муодилсозии ҳар ду ороияи адабиро аз истилоҳоти ғарбии “синестезия” (synesthesia) ва “парадокс” (paradox) бар пояи ошноии “ошноии донишмандони балоғати адабиёту шеъри муосири форсӣ ба адабиёти Ғарб” [дисс., с. 19] махсус таъкид намуда, баъдан 4 омили аслӣ ва муҳими дар кутуби назарии балоғиёни пешин набудани ҳар ду санъати мазкурро муқаррар кардааст, ки ин ҷо дар навбати аввал истиқлоли назарии муаллифро метавон мушоҳида кард, чун сабабҳои мушаххасу мудаллали мазкур ҳамчун маҳсули таҳлилҳои амиқу мустанади нигорандаи рисола ба шумор меоянд.

Дар ҷараёни пешинаи таҳқиқи ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ сарчашмашиносии зуҳури истилоҳоти хоси онҳо дар манобеи адабиёти аврупоӣ бар асоси таҳқиқоти анҷомёфта дар ин сарзамин сарфи назар нашудааст. Ба дигар таъбир, таъйини таҳқиқи мавзуъ ҳам дар манобеи ғарбӣ ва ҳам шарқӣ сурат гирифта, чун муҳаққиқ дуруст натиҷагирӣ мекунад, ки “ороияҳои мазкур метавонанд дар шеъри ҳар забону адабиёте чунин арзишҳо ва коркардҳои адабӣ дошта бошанд” [дисс., с. 21].

Дар идомаи пажуҳиш шарҳу тафсири афкори зиддунақизи муҳаққиқони муосир ва омилҳои шинохти ороияҳои мазкур дар таркиб ё ҷузъи дигар саноеи бадеӣ низ таҳлилу баррасӣ шуда, дар раванди ин мабоҳис низ диссертант ба хулосаҳои собиту мантиқӣ расидааст. Аҳамияти дигари таҳқиқи ҷанбаҳои назарии масъала дар он зоҳир мешавад, ки муҳаққиқ заминаҳои зуҳури мафоҳими мазкурро дар таҳқиқоти донишмандони хориҷӣ баррасӣ намуда, равишҳои хоси гузариши онҳоро ба адабиётшиносии форсӣ дақиқу мушаххас кардааст. Дар идомаи баҳси мазкур бештари ҷусторҳо ва таҳқиқотеро, ки дар ин замина дар нақду адабпажуҳии кишварҳои форсизабон анҷом ёфтаанд, нақду баррасӣ ва шарҳу тавзеҳ кардааст.

Вежагии муҳими дигари ин бахши таҳқиқ дар он мушаххас мешавад, ки дар он ҳар ду истилоҳ ҳам аз назари улуми дигар, ҳамчун сарчашмаи дигари вуруди онҳо ба адабиётшиносӣ баррасӣ шудааст. Аз ҷумла, аз фаҳмиши илмии тиббӣ ба адабиётшиносӣ гузаштани “ҳиссомезӣ” бар пояи далоили муҳками илмӣ ва шинохту маърифати он дар назариёти муҳаққиқони аврупоӣ таҳлил гардида, ки баҳси қобили таваҷҷуҳ ва дорои аҳамияти шоёни илмӣ мебошад. Бар ин асос, корбуди истилоҳоти муштарак дар улуми мухталиф ва фарқияти онҳо низ бар сурати қиёсӣ шарҳу тафсири худро пайдо намудааст.

Ҷараён ва шеваҳои корбурди ҳам ҳиссомезӣ ва ҳам мутаноқизнамоӣ дар адабиёти классикии тоҷик, хоса аз шеъри Рӯдакиву “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ва идомаи он то ба шеъри муосир, бахусус сурудаҳои Лоиқ Шералӣ низ ба сурати муфассал давом карда, зимни натиҷагирӣ муаллиф хулосаҳои хешро дар шинохти ин ороятҳои адабӣ ба сурати мушаххас баён доштааст.

Боби дувуми диссертатсия **“Баррасии ҳиссомезӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил»** ном дошта, асли матолиб дар се фасл ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Дар ҷараёни таҳқиқ, бар пояи таҳлил ва шарҳи маънои абёт муҳимтарин вежагиҳои сабкии сурудаҳои Бедилро бозгӯӣ мекунад, ки ороятҳои мазкур дар эҷод ва таҳаввули онҳо нақши таъсиргузор доранд. Дар зимни бунёд ниҳодани таркибҳои дорои ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ муҳимтарин вежагии таъсиргузории каломи Бедил лафзи андаку маънии ба сароҳат ва касрат ҷилванамоӣ кардааст. Диссертант шеваи таъсири ин равиши Бедилро ба шеъри муосири Эрон, аз ҷумла сурудаҳои Нимо Юшиҷ ва Суҳроби Сипеҳрӣ бо зикри шавоҳиди шеърӣ бозгӯӣ намудааст.

Якҷо омадани ҳар ду ороияи адабии мавриди таҳқиқ дар абёти зиёди суханвар низ чун вежагии муҳими онҳо баррасӣ шуда, муҳаққиқ бо истифода аз равиши шарҳ онҳоро маъникушоӣ ва аз нигоҳи ҳунариву мавзуӣ таҳлил намудааст. Ба андешаи ӯ, чун нуфузи чунин саноеъ яке аз авомили зуҳури печидигаҳо дар шеъри Бедил мегардад, шарҳу тавзеҳи бештари абёт дар ҷараёни таҳқиқ имкон фароҳам овардааст, ки ҷойгоҳи воқеии ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ бар асоси кашфи маонӣ ва ҳадафҳои сароянда дар шеъри ӯ муқаррар карда шавад.

Баррасии сохтори ҳиссомезӣ дар ин бахши таҳқиқ имкон дода, ки дар асоси таҳлилҳои анҷомдода ду сохтори аслии он дар сурати таркибӣ ва ғайритаркибӣ мушаххас гардида, зимнан матолиби зарурӣ шарҳу баён ёбанд. Ҳамзамон, сохторҳои таркибиро дар навбатии худ бар ду бахши дигар тақсимбандӣ карда, ба зикри шавоҳиди шеърӣ ва шарҳу тафсири онҳо асли аҳдофи таҳқиқи хешро мушаххас сохтааст.

Дар заминаи маъношиносии таркибҳои “бӯйи оҳанг”, “парвози нола”, “бӯйи паём”, “бӯйи нигоҳ”, “ранги садо” ва амсоли ин баробари шарҳи сохтори ҳиссомезӣ ба тозагӣ ва бемонандии тарокиби мазкур ишорат кардааст, ки ҳамагӣ аз ҷумлаи авомили ҳунарсозӣ ва маъниофари шоиронаву нодир ба шумор омадаанд. Дар таркиби вожагони мураккаб низ ҷой гирифтани чунин ҳиссомезиҳо низ дар силки таҷрибаҳои нодири Бедил эътироф шудааст, ки дар сурудаҳои пешиён ба нудрат метавон дучор омад.

Вежагии балоғии ҳиссомезӣ низ аз ҷумлаи дигар мушаххасоти ҳунарии он дар каломи Бедил бар пояи шарҳу тавзеҳи намунаҳои шеърӣ мушаххасу муайян гардидааст. Ин нукта дар муқаррар намудани саноеи бадеии дар таркиби ҳиссомезӣ истифодашуда шарҳу тавзеҳ ёфтааст. Бар асоси ин таҳқиқ, муқаррар шудааст, ки дар батну матни чунин таркибҳои борвар аз ҳисомезӣ вуҷуди ташбеҳ, истиора, маҷозу киноя ва амсоли ин ба мушоҳида мерасанд. Матолиби мазкур бар асоси тавзеҳи ибороте чун “Дуди сипанд гашт сухан дар даҳони мо”, “То расад бар кунгури мақсуд дасти нолае” ва амсоли ин тафсир ва саноеи таркибии онҳо бозгӯӣ шудаанд. Ҳамин тавр, ҳар яке аз ин намунаҳо дар чаҳор бахши алоҳида бо зикрии тасвирҳои бунёдёфта бо саноеи бадеӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, ки баррасиҳои мазкур низ дар таъйини арзиш ва аҳамияти илмии таҳқиқ таъсири матлуб гузоштаанд.

Ҳамин тавр, дар ин қисмати пажуҳиш се бахши вежагиҳои ҳиссомезӣ – сохторӣ, балоғӣ ва маъноӣ, мушаххас ва бар пояи сурудаҳои навъи ғазали Бедил ба доираи пажуҳиш кашида шуда, ҳиссомезӣ бар асоси ҳузури ҳавосси панҷгона дар 9 гуна тақсимбаандӣ гардидаас. Баррасии ҳиссомезӣ ба унвони ҷузъи муҳими сабксоз дар ғазалиёти Бедил ба диссертант имконият додааст, ки нақши таъсиргузори ин навъ ороиа адабиро дар сурати вожагони мураккаб, таркибҳои шоиронаи маҳсули коргоҳи хаёл ва андешаи суханвар мушаххас созад.

Боби савуми диссертатсия **“Баррасии мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Бедил”** ном дошта, аз ду фасл ва се зерфасл таркиб ёфтааст. Дар ин бахши таҳқиқ низ нахуст муҳимтарин вежагиҳои мутаноқизнамоӣ дар сурати тозагии мавзуъ ва мазмун, ошноизудоиву барҷастасозии маъно, эҷоз, чандовоӣ ва иҳоми тасвирҳо, печидагӯиву ибҳом, эҷоди лаззати шигирифтии маънавӣ баррасӣ шуда назару дидгоҳҳои илмии хешро бо зикри намунаву шавоҳиди шеърӣ ва шарҳу тафсири онҳо собит сохтааст. Баробари ин, масъалаи таносуби мутаноқизнамоӣ бо дигар шигардҳои пурбасомад низ чун махсусияти муҳими он дар ғазалиёти Бедид таҳқиқ шудааст. Нуктаи қобили таваҷҷуҳ он аст, ки диссертант бар асоси нашри дуҷилдаи девони ғазалиёти Бедил бештар аз 940 маврид мутаноқизнамоиро бурун овардаву дар пажуҳиши хеш истифода кардааст. Аз нигоҳи аввал, ин шумора басомади ин ороӣи адабиро дар навъи ғазал дар таркиби мероси адабии Бедил собит созад, аз сӯи дигар вусъати доираи баррасиҳои диссертантро дар таҳқиқи масъалаи мавриди назар бозгӯӣ мекунад. Ҳамин паҳнои ошноӣ ва таҳқиқи доираи васеи ин ороӣи адабӣ ба муаллиф имконият додааст, ки ба баррасии амиқи масъалаҳои меҳварии таҳқиқ, вежагиҳои муҳимтарин он, сохтору муҳтаво ва мутаноқизнамоӣ ҳамчун унсури сабксоз ва нақши муҳимаш дар маъниофариҳои шоиронаи суханвар муваффақ гардад. Дар умум, бар асоси муқаррароти Шафеи Кадканӣ, ки ҳашт шигарди сабксозро дар шеъри Бедил муқаррар намудааст, таносуби мутаноқизнамоиро бо шаштои он чун вобастаҳои ададии хос, ташхис, таркибҳои хос, таҷрид ва услуби муодилаву мотивҳои ҷадид ба риштаи таҳқиқ кашида, назариёти илмии хешро бо зикри аснодӣ шоҳид ба субут расонидааст. Вежагии сохтори забонии мутаноқизнамоӣ тавассути таркибҳои изофиву васфӣ ва сохтори ғайритаркибии ҷумлаҳо шарҳу баррасӣ шуда, ки мабоҳиси марбут ба ин масъала низ қобили таваҷҷуҳ мебошанд. Намунаҳое бар вуҷуди ин навъ ороӣи адабӣ дар таркиби вожагони мураккаб низ чун вежагии муҳимми сохтору маъноии он шарҳу баён ёфтааст, ки “адамсаро”, “ғафлатсаводон”, харобобод”, “улфатхаста” аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Ба сурати куллӣ, баррасиҳои дар ин бахш анҷомдодаи диссертант муқаррар сохтаанд, ки мутаноқизнамоӣ дар баробари вежагиҳои муайян доштан, дар эҷоди мазомини тоза, маъниофариҳои шоирона хидмат карда, барои ғанои маънавӣ ва сабкии каломи Бедил таъсиргузор омадааст. Агарчи намунаҳои андаки вожагони мураккаби дорои ин ороӣи адабиро дар мисоли

“харобобод” дар сурудаҳои пешиниён метавон дучор омад, вале бештари чунин вожагон маҳсули дунёи андеша ва сувари хаёли шоиранд, ки шарҳу тавзеҳоти муаллиф дар ин қисмати рисола ҳамагӣ бозгӯи ин матлаб ва далел бар ин назар ҳастанд. Бар мабнои се далел ҳамчун унсури сабксоз баромад кардани мутақизнамоӣ низ дар густураи мабоҳиси ин бахш шарҳу баёни мантиқӣ ёфта, ки ба пажуҳиши амиқи масъалаи мазкур таъкид меварзад.

Дар бахши “Хулоса”-и диссертатсия, ки аз 14 банди назарӣ иборат мебошанд, натиҷаҳои аслии аз баррасиҳои илмии мавзуъ ҳосилшударо муқаррар менамояд, ки аз таҳқиқи матолиби меҳварии диссертатсия берун омадаанд. Инчунин, дар қисмати “Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ” 6 тавсияи амалӣ оварда шудааст, ки муфид мебошанд.

Аҳаммияти назарию амалии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки муҳтавои диссертатсия ва масъалаҳои мавриди таҳқиқ дар он барои пажуҳиши сайри таърихии таҳаввули ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар адабиёти гузашта ва муосири тоҷик, шинохт ва ҷойгоҳи ин ду ororяи адабӣ дар шеъри шоирони сабки ҳиндӣ, хоса Мирзо Абдулқодири Бедил ва дигар масъалаҳои назариву амалии адабиёти тоҷик ба адабиётшиносон, унвонҷӯён, магистрантону донишҷӯён ҷиҳати ба поён бурдани таҳқиқоти муҳим, пажуҳиши ҷанбаҳои ҳунарии шеър, чи дар адабиёти классикӣ ва чи адабиёти замони нав, таҳқиқи қиёсии масъалаҳои ҳунарии адабиёти ҷаҳон бо такя бар ин ду ororяи адабӣ раҳнамоӣ хоҳанд намуд. Усулу равишҳои таҳлилу таҳқиқи санъатҳои шеърӣ дар ғазалиёти Бедил, ки дар диссертатсия муаррифӣ гардидаанд, дар таҳқиқоти назарияпардозон ва муҳаққиқон, бахусус дар самти омӯзиш ва пажуҳиши хусусиятҳои осори адабии даврai сабки ҳиндӣ муфид хоҳад буд. Хулоса ва тавсияҳои муаллифи диссертатсияро дар пужуҳишҳои минбаъдаи марбут ба осору афкор ва фаҳму дарки ҷаҳонбинию ҷаҳоннигарии Абулмаъонӣ ҳамчун асос ва замина истифода бурдан мумкин аст. Аз ҷиҳати дигар, маводди манзуршуда дар бобу фаслҳои диссертатсия, пешниҳоду тавсия ва хулосаҳои муаллифро метавон зимни таълифу таҳияи дастуру воситаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ оид ба сабкшиносӣ ва санъатҳои бадеӣ ва дар таълиму тадриси курсу семинарҳои махсус истифода намуд.

Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Диссертант аз рӯи мавзуи илмии хеш дар умум 10 мақола ба чоп расонидааст, ки аз онҳо

5 ададашон дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор ёфтаанд.

Маводи нашрнамудаи диссертант меҳварҳои асосӣ, натиҷаҳои зарурӣ ва мазмуну мундариҷаи диссертатсияро шарҳу баён намуда, дар якҷоягӣ бо маърузаҳои илмиаш дар конфронсҳои мухталифи сатҳҳои байнамилалӣ ва ҷумҳуриявӣ саҳми шахсиашро дар таҳқиқи матолиб ва масоили меҳварии пажуҳиш бозгӯӣ мекунад.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия. Ҳамин тавр, диссертатсияи Эҳсон Хуршед Рӯзибой дар мавзуи “Ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил” таҳқиқи тоза дар адабиётшиносии тоҷик ба шумор меравад, ки дар заминаи баррасии ҷойгоҳи ин ду санъати бадеӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил, нақши ороятҳои адабии мазкур дар таҳаввули сабки суханварӣ, мазмунсозиву маъниофаринии шоирона, ибдоъ дар шигардҳои ҳунариву маъноӣ ба қалам омадааст.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ иншо гардидааст.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи банди 30-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми августи соли 2026, таҳти №591 тасдиқ шудааст, ҳамчунин, Тартиби барасмиятдарории диссертатсия, авторефератӣ диссертатсия ва дигар маводди илмӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми декабри соли 2024, таҳти №493 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари чунин дастовардҳои муҳимми илмӣ дар диссертатсия бархе камбудиҳо низ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кори муаллиф хоҳанд буд:

1. Дар боби аввали диссертатсия роҷеъ ба истилоҳоти ифодакунандаи мутаноқизнамоӣ сухан рафтааст, вале ба мушоҳида мерасад, ки Шамс Қайси Розӣ мафоҳими муноқаза ва танокузро дар асари хеш истифода карда ва баъдан Атоуллоҳ Маҳсуди Ҳусайнӣ гунаи танокис ё муноқисаро ба кор гирифтаву ҳамон як байти мазкур дар китоби Шамси Қайсро истишҳод оварда, ки дар диссертатсия ба ин нукта ишора нашудааст Ба назари мо, агар назариёти ин донишмандон баррасӣ ва сабаби дар бахши уюби шеърӣ овардани он мафоҳим шарҳу тафсир

меёфт, боз ҳам аҳаммияти таҳқиқ бештар мегардид.

2. Гоҳо маврид бар оғози баррасиҳои илмии хеш дар фаслҳои мухталиф диссертант роҷеъ ба вежагиҳои балоғии ҳиссомезӣ, ҷузъҳои сабксозӣ муаллиф ба мабоҳиси куллӣ роҷеъ ба илми балоғат, сабабу омилҳои маъруфияти сабки мавриди таҳқиқ бо ҳиндиву исфаҳонӣ мепардозад, ки ба назари мо чандон зарурати чунин тафсили баҳсҳо мавҷуд нест.
3. Ба назар мерасад, ки бархе аз абёт бо иштибоҳ зикр шудаанд: Масалан, дар саҳ. 92 байт ба ин шакл омада:

Хоки ман сад дарди дил тӯфонғубори тангист,
Ҳасрати бемори ишқам, нола дорад бистарам

Шакли дурусташ дар нашрҳои илмӣ-интиқодии Девони Бедил, ки дар асоси нусхаи қадимтарини Девони Бедил таҳия шудаанд, чунин омада:

Хоки ман сад дарди дил тӯфонғубори бекасист,
Ҳасрати бемори ишқам, нола дорад бистарам.

Албатта, дар бархе нашрҳо, аз ҷумла нашри мавриди истифодаи диссертант шакли “тангӣ аст” омада, ки иштибоҳан дар матни рисола “тангист” шуда. Ба андешаи мо ҳамин гунаи дар нусхаи қадима зикршуда, яъне “туфонғубор и бекасист” ба матлаб дар асоси таносуби калом наздик аст.

4. Дар бархе маврид зоҳиран такрор дар баёни матолиб ба мушоҳида мерасад. Масалан, назари 8 шигарди сабксози шеъри Бедил аз диди Шафеии Кадканӣ дар саҳ. 146 ва 173 бо шеваи ба назар такрор ифода шудааст. Чунин такрор дар зикри абёти шоҳид низ ба назар мерасад.Масалан, байти

Ҳамин дард аст барги ишрати хуниндилон, Бедил,
Ҳуҷуми гиря масти ханда дорад табъи миноро.

дар саҳ. 171 ду бор такрор шудааст. Дар мавриди дувум ишорат ба байт, ки дар қисми намунаҳо омада, кофист.

5. Дар матни диссертатсия ҷо-ҷо ғалатҳои имлоиву техникӣ (аз ҷумла, саҳ. 10, 13, 33, 91, 169, 183, 175, 199) ва ғайра мавҷуданд, ки ислоҳи онҳо ба салоҳи кори муаллиф хоҳад буд.

Ба таври куллӣ, ин қайду эродот ҳаргиз арзишу аҳамияти илмии диссертатсияро поин нахоҳанд бурд ва бештари онҳо гунаи пешниҳодро ба худ гирифтаанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Эҳсон Хуршед Рӯзибой дар мавзуи «Ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил», ки барои барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 29-31, 33-36-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми августи соли 2026, таҳти №591 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мебошад.

Муқарризи расмӣ:
доктори илми филологӣ, профессор,
директори Институти илмӣ-тадқиқотии
илмҳои ҷомеашиносии МДТ
«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Нурзод Нуралӣ Нор

«5» ноябри соли 2026

Нишонӣ: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Хуррамшаҳр, 38.
Тел: (+992)928763797
E-mail: nurali74@mail.ru

Имзои Нурзод Нуралӣ Норро тасдиқ мекунам:

И.в. сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Наврӯззода Э.М.

Нишонӣ: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.
Тел.: (+992-3422) 6-52-73; (+992) 117070700.
E-mail: rector@hgu.tj

5 ноябри соли 2026